**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон 734067, ш. Душанбе кӯчаи Нахимов 64/14,**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Деҳқонов Соҳибназар Амирхоҷаевич дар мавзуи «Танзим ва дастгирии давлатӣ ҳамчун омили рушди иқтисодию иҷтимоии минтақа (дар мисоли минтақаи Рашт)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03- Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ пешниҳод гардидааст.**

Дар шароити муосири иқтисодии минтақаҳои алоҳида, дастгирии давлатии минтақаҳо яке аз самтҳои муҳимми сиёсати давлатӣ ба ҳисоб меравад. Дастгирии мазкур, алалхусус тавассути имтиёзҳои молиявӣ ва шарикии давлатӣ ва бахши хусусӣ ба амал мепайвандад.

Давлат барои худтанзимкуни ва рушди минтақаҳои кишвар мароқ зоҳир намуда, диққати худро ба ҳавасмандсозии рушди минтақаҳои сустинкишофёфта равона ва сабабҳои дигаргуниҳои иқтисодию иҷтимоиро муайян мекунад. Яке аз чунин минтақаҳое, ки аз дастгирии давлатӣ баҳравар гардидааст, ин минтақаи Рашт мебошад.

Мавзуи таҳқиқнамудаи унвонҷӯ Деҳқонов Соҳибназар Амирхоҷаевич маҳз ба масъалаи рушди иқтисодию иҷтимоии минтақа равона гардида, ҳамчун омили рушди иқтисоди миллӣ бахшида шудааст, ки дар шароити имрӯза дорои аҳамияти баланди илмию амалиро доро мебошад.

Омӯзиши муҳтавои автореферат нишон медиҳад, ки унвонҷӯ бо дарку фаҳмиши амиқ тамоми паҳлуҳои танзим ва дастгирии давлатиро дар рушди иқтисодию иҷтимоии минтақа таҳқиқ намуда, дар ин замина барои боз ҳам мукаммал намудани рушди иқтисодию иҷтимоии минтақа тавсияҳо ва тадбирҳо пешниҳод намудааст.

Чуноне аз муҳтавои автореферат бармеояд, аз ҷониби унвонҷӯ дар боби якум - «Асосҳои назариявӣ ва методии нақши давлат дар рушди низоми иқтисодии минтақавӣ», таҳаввули асосҳои нақши сиёсати давлатӣ тавассути дастгирии буҷетию молиявии минтақаҳо, заминаҳои рушди иқтисодию иҷтимоии минтақа ва хусусиятҳои хоси он, таҷрибаи хориҷии танзим ва дастгирии рушди иқтисодию иҷтимоии минтақа мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Дар ин ҷо як нуктаи муҳимро бояд қайд намуд, ки пайдарҳамии параграфҳо аз рӯи муҳимияти масъала дар сатҳи баланд иҷро гардидааст, зеро якум асосҳои назариявӣ ва методии рушди иқтисодии минтақаҳо,

бахусус низоми танзим ва дастгирии давлатии рушди иқтисодию иҷтимоӣ минтақа дар адабиётҳои иқтисодии ватанӣ то андозае таҳқиқ шудааст; дуюм яке аз масъалаҳои муҳим вазифа, шакл ва самаранокии танзими давлатии рушди минтақа баҳисоб мераванд, ки оянда рушди иқтисодию иҷтимоии минтақаро метавонад танзим намояд; сеюм омӯзиши таҷрибаи кишварҳои ҳамсоя ва пешрафтаи ҷаҳон бахусус дар самти рушди иқтисодию иҷтимоии минтақа муҳим аст, зеро, ки бештари кишварҳо аллакай дар ин самт таҷрибаи ғанӣ ва татбиқшаванда доранд.

Дар боби дуюм бошад, унвонҷӯ «Таҳлили вазъи муосири иқтисодию иҷтимоӣ ва тамоюлҳои рушди минтақаи Рашт», таҳлили вазъи муосир ва марҳилаҳои ташаккули иқтисодиёти минтақавӣ дар кишвар, баррасии тамоюли танзим ва дастгирии давлатӣ оиди рушди иқтисодии минтақа бо истифодаи моделҳо, афзоиши ҳолати молиявӣ ва ҳавасмандгардонии буҷети маҳал ҳамчун омили рушди иқтисодию иҷтимоии минтақа ва гузариш ба худтаъминкунии маҳаллӣ дар шароити иқтисодиёти муосирро мавриди таҳқиқ қарор додааст. Дар боби мазкур унвонҷӯ бисёр ба маврид қайд намудааст, ки рушди соҳаи саноат дар минтақаҳо яке аз механизмҳои асосии таъмини рушди минтақаҳо ба ҳисоб рафта, аз ҷониби Ҳукумати кишвар ба ин самт диққати аввалиндараҷа дода шуда, ҳадафи чоруми кишвар саноатикунонии босуръати мамлакат эълон гардидааст, ки омили асосии рушди минтақаҳо ва иқтисоди миллӣ мебошад.

Дар боби сеюм бошад, унвонҷӯ «Самтҳои асосии самаранок гардонидани танзим ва дастгирии давлатии рушди иқтисодии минтақаи Рашт» -ро мавриди баррасӣ қарор дода, самтҳои асосии такмили рушди иқтисодию молиявии минтақаи Рашт дар давраи миёнамуҳлат, шарикии давлат ва бахши хусусӣ ва роҳҳои ҷалби сармоягузориҳои дохили ва хориҷиро дар татбиқи рушди иқтисодию иҷтимоии минтақа пайгирӣ ва муайян кардааст. Дар ин боб нахуст мушкилоти соҳа, баъдан роҳҳои ҳалли онҳо ва тадбирҳо барои вусъатдиҳии рушди иқтисодию иҷтимоии минтақа мавриди таваҷҷуҳ коркард ва пешниҳод гардидаанд. Муаллиф бисёр ба маврид ва сари вақт доир ба танзим ва дастгирии давлатӣ ва рушди истеҳсолоти маҳаллӣ пешниҳод намудааст, ки боиси дастгирӣ мебошад.

Новобаста аз он, ки рисолаи унвонҷу мустақилона анҷомдодашуда ва дорои муваффақияти калони илмӣ мебошад, боз ҳам беҳтар мегардид, агар ба масъалаи зерин аҳамияти аввалиндараҷа дода мешуд:

Дар автореферат муаллиф ақидаҳои олимони ватанию хориҷиро оиди мафҳуми иқтисодиёти минтақавӣ мавриди таҳқиқ қарор додааст, лекин ақидаи худро нисбати мафҳуми мазкур ба таври возеҳ баён накардааст.

Дар автореферат оид ба вазъи даромад ва хароҷоти буҷети ноҳияҳои минтақаи Рашт дар ҷадвали 8 маълумотҳо таҳлилу баррасӣ гардидаанд, аммо хуб мешуд буҷети ноҳияҳо дар алоҳидагӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода мешуд.

Таъкид кардан зарур аст, ки ин норасоиҳои зикршуда аҳамияти илмӣ ва амалии корро паст намекунанд ва хусусияти тавсиявӣ доранд.

Дар маҷмуъ автореферати диссертатсия дар мавзуи «Танзим ва дастгирии давлатӣ ҳамчун омили рушди иқтисодию иҷтимоии минтақа (дар мисоли минтақаи Рашт)», аз рӯйи натиҷаҳои илмӣ ва амалии худ ҷавобгӯйи талаботи бандҳои 31 ва 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 январи соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, таҳия карда шуда, муаллифи он Деҳқонов Соҳибназар Амирхоҷаевич арзандаи дараҷаи илмӣ- номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03-Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
профессори кафедраи фаъолияти гумруки
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон **Раҷабов Р.К.**

Имзои д.и.и, профессор **Раҷабов Р.К. –ро** тасдиқ мекунам:

Сардори шуъбаи кадрҳо ва
корҳои махсуси ДДТТ **Пирзода С.С.**

**Суроға:** 734061, ҶТ, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, 1/2, **Тел:** (+992) 934-44-41-04, **E-mail:** drrajab@mail.ru